*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди МДТ-и “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ходжаев Парвиз Давронович ба диссертатсияи Абдуллаев Акмал Абдуҷабборович дар мавзӯи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 Иқтисодиёт (6D050605-Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)**

## 1.Мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи доктаранти (PhD) Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605-Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ба бандҳои 1.10.Таҳия ва рушди методҳо ва моделҳои математикии идоракунии хавфи иттилоотӣ; 2.11.Рушди методҳои иқтисодии таъмини бехатарии иттилоотӣ дар ситемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунанд.

## 2.Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Ҷорӣ намудани технологияи муосири компютерӣ ва воситаҳои алоқа дар соҳаи маориф ба тамоми системаи маориф таъсири амиқ мерасонад ва дар чунин шароит омӯзиш, таҳлил, баҳодиҳӣ ва амсиласозии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ зарур ва муҳим арзёбӣ карда мешавад ва таваҷҷуҳи бештар дар тадқиқоти диссертатсионии мавриди назар ба рушди соҳаи таҳсилоти фосилавӣ дар асоси технологияҳои иттилоотӣ дода шудааст. Вобаста ба ин гуфтаҳо, қайд намудан зарур аст, ки амсиласозии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ, таъсири он ба пешрафти ҳифз ва арзёбии амнияти иттилоотӣ муҳимияти тадқиқоти илмии Абдуллаев Акмал Абдуҷаборовичро ифода менамоянд.

Умуман, омӯзиши амнияти захираҳои иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ (ТФ) аҳамияти бузурги илмиву амалиро доро мебошад. Мушкилоти воқеии ҳифзи курсҳои таълимии таҳиякардаи муаллифон, моликияти зеҳнӣ, тасдиқи ваколати муштарии дурдаст, таъмини фаъолияти назорати дониши донишҷӯён ва амсоли инҳо вуҷуд дорад. Бояд гуфт, ки ихроҷи иттилоот ба муассисаҳои таълимӣ, муаллифони курсҳои омӯзишӣ зарари калон мерасонад. Он бо талафоти эътимоднокии назорат ва баҳисобгирӣ, муайян кардани дониши донишҷӯён таҳдид мекунад. Дар системаи таълими фосилавӣ амнияти иттилоот омили бунёдии мавҷудият ва рушди он буда, ба бисёр ҷанбаҳои фаъолият таъсир мерасонад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон бахшида ба Рӯзи дониш ва 70- солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъкид намуданд, ки «вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кайҳо расидааст. Баъзе муассисаҳои таълимӣ дар ин самт аллакай ба дастовардҳои муайян ноил шудаанд. Аммо ҷараёни татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар умум суст буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни мактабҳои олӣ кам ба мушоҳида мерасад".

## 3.Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Муқарраротҳои илмии дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири тадқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии худро тавсиф менамояд. Амалигардонии таҳлили назариявӣ ва методологӣ вобаста ба амсиласозии арзёбии самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии НТФ, бо такя ба собитҳои илмӣ ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти докторант (PhD) дар нашриётҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷаллаҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналҳалқӣ интишор гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф оид ба амсиласозии муайян намудани самаранокии таълим ва самаранокии иқтисодии фаъолияти НТФ, амнияти иттилоотии НТФ-и донишгоҳ дар асоси тадқиқ ва омӯзиши таҷрибаи ватанӣ ва кишварҳои хориҷӣ доир ба амсиласози амнияти иттилоотӣ илман асоснок карда шудааст.

Шиносӣ бо диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки дар он муаллиф дар асоси истифодабарии усулҳои маъмули тадқиқоти иқтисодӣ, индуктивӣ ва дедуктивӣ, таҳлили оморӣ, математикӣ-иқтисодӣ, ва таҷрибавию озмоиширо истифода бурдаас ва ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст

Тадқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1445 дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 642 аз 30-юми декабри соли 2019 оид ба «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро шудааст.

## 4. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда

Дар диссертатсия навгонии илмӣ бо дарназардошти вазифагузориҳо муқаррар карда шудааст. Нававарии илмии тадқиқоти гузаронидашуда дар таҳия ва асосноккунии дастгоҳи методӣ ва алгоритмии баҳодиҳии самаранокии ҳифзи иттилоот дар НТФ-и донишгоҳ ва донишкада мебошад. Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмиро инъикос менамоянд аз чунин нуқтаҳо иборат аст: таснифи равишҳо; татбиқи системаҳои таълими фосилавӣ, системаҳои амнияти иттилоотӣ.

Доктарант дар рисолаи худ ба ҳалли муаммоҳои дахлдлори таъмини системаи амнияти иттилоотӣ (САИ) ва мушкилотҳои асосии мавҷуда даст зада, онҳоро ҷамъбаст ва ба тартиб овардааст. Дар натиҷаи таҳлили ҷойдошта равишҳои таҳияи САИ нуқсонҳо ва афзалиятҳои онҳо, хусусият ва ҷой доштани дурнамои рушди онҳо ошкор ва ҳадафу вазифаҳои системаи идоракунии бехатарӣ (СИБ), таҳияи усул ва амсилаи арзёбии самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии НТФ муайян карда шудаст.

Арзёбии маҷмӯъи талафоти эҳтимолии иқтисодро дар сурати татбиқи таҳдидҳо модели коркардшуда таъмин менамояд. Докторант (PhD) дар диссертатсияи худ нишондиҳандаҳои самаранокиро ба ду гурӯҳ тақсим намудааст: самаранокии таълими таҳсилоти фосилавӣ дар натиҷаи гузариш аз шакли анъанавии таълим ба НТФ; самаранокӣ дар натиҷаи ҷорӣ кардани системаи бехатарии иттилоотии НТФ.

Муаллиф қайд менамояд, ки амалигардонии усулҳои пешниҳодшудаи ҳифз ва арзёбии эҳтимолияти амнияти иттилоотӣ дар шабакаи компютерии корпоративӣ афзалиятҳо ва эътимоднокии онҳоро нишон доданд. Таъсиси системаи таҳсилоти фосилавӣ барои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба

номи академик Б.Ғафуров» дар ин асос, ки усулҳои таълим, таъминоти барномавӣ ва системаи идоракуниро дар бар мегирад, бо инфрасохтори хуби шабакавӣ ва системаи амнияти дақиқ кор мекунад. Аз ҷониби диссертант исбот шудааст, ки амнияти объектҳои гуногуни НТФ бидуни воситаҳои амнияти иттилоотӣ ва бо воситаҳои амнияти иттилоотӣ аз шумораи донишҷӯён вобаста аст. Вобастагии НТФи системаи ҳифзи иттилоот дошта аз шумораи донишҷӯен ба таври назаррас коҳиш меебад. Арзишҳои калони коэффитсиенти бехатарӣ умуман ба этибор нагирифтани шумораи донишҷӯёнро таъмин менамояд.

## 5.Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти илмии диссертатсия дар рушди минбаъдаи назарияи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи арзёбии самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии НТФ дар шароити иқтисоди рақамӣ, арзёбии маҷмӯи талафоти эҳтимолии иқтисодӣ дар сурати татбиқи таҳдидҳо, коркарди модел ва алгоритми баҳодиҳии самаранокии иқтисодии ҳифзи иттилоот, истифодобарии таҳлили фракталӣ ва коркарди нишондиҳандаҳои самаранокии таълимӣ ва иқтисодии фаъолияти НТФ, амнияти иттилоотии НТФ зоҳир мешавад.

Аҳамияти амалии тадқиқоти докторант иборат аз амалигардонии усулҳо ва алгоритмҳои дар рисола таҳияшудаи ҳифз ва арзёбии эҳтимолияти амнияти иттилоотӣ дар шабакаи компютерии корпоративӣ буда, афзалиятҳо ва эътимоднокии онҳо нишон дода шудааст (саҳ. 123-143). Ҳисобҳои амалии гузаронидашудаи докторант бартарӣ ва эътимоднокии усулҳои пешниҳодшудаи ҳифз ва арзёбии эҳтимолии амнияти иттилоотиро нишон додаанд ва ҳоло дар шабакаи корпоративии компютерии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» дар истифода мебошанд (маълумотномаи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ва Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд).

## 6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот

Амалигардонии усулҳои пешниҳодшудаи ҳифз ва арзёбии муаллиф эҳтимолияти амнияти иттилоотӣ дар шабакаи компютерии корпоративӣ афзалиятҳо ва эътимоднокии онҳоро нишон доданд. Таъсиси системаи таҳсилоти фосилавӣ барои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи аеадемик Б. Ғафуров» дар ин асос, ки усулҳои таълим, таъминоти

барномавӣ ва системаи идоракуниро дар бар мегирад, бо инфрасохтори хуби шабакавӣ ва системаи амнияти дақиқ кор мекунад. Аз ҷониби диссертант исбот шудааст, ки амнияти объектҳои гуногуни НТФ бидуни воситаҳои амнияти иттилоотӣ ва бо воситаҳои амнияти иттилоотӣ аз шумораи донишҷӯён вобаста мебошад.

## 7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Саҳми шахсии докторант дар омӯзиши назария ва консепсияҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ", таҳлилу баррасии онҳо, омода намудани мақолаву баромадҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналҳалқӣ зоҳир мешавад. Докторант дар омӯзиши мавзӯъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифа, объект, фарзия, мархила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Муаллиф дар коркард ва татбиқи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи арзёбии самаранокии иқтисодии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ саҳми муайян гузоштааст.

## 8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Асарҳои интишоршудаи муаллиф, хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менмоянд. Аз рӯи натиҷаи кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф 5 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 4 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп карда шудааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Дар ҳамаи мақолаи илмии Абдуллоев А.А. мӯҳтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос гардидаас.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) таҳия гардида, мазмуни асосии

тадқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснокгардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## 9.Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидаи он

Сохтори диссертатсияи Абдуллоев А.А. бо дар назардошти мақсад ва вазифаҳои мукарраргардидаи таҳқиқот давомнокии мантиқиро фарогир буда, аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳод ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия 5 ҷадвал, 8 расм ва 136 номгӯи адабиётро дар бар гирифта, матни он дар 167 саҳифаи компютерӣ баён карда шудааст.

**Дар мукаддима** мубрамияти мавзӯи тадкиқот, дараҷаи тадкиқоти мавзӯъ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети тадкиқот муқаррар карда шудааст. Навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадкиқот, маълумот оид ба интишороти натиҷаҳои тадкиқот ба таври муфассал оварда шудаанд (с. 4-12).

**Дар боби якуми диссертатсия –“Низоми таълими фосилавӣ ва зарурияти арзёбии амнияти иттилоот”** сохтор ва навҳои низоми таълими фосилавӣ ва меъёрҳои арзёбии хатарҳо ва амният мавриди тадқиқ ва хулосабардорӣ қарор дода шуда, таснифу таҳлили усул ва алгоритмҳои амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ гузаронида ва арзёбӣ гардидааст. (с. 13-58).

Дар диссертатсия маҷмӯи воситаҳои электронии дастгирии таълим таҳия шудааст, ки барои таъмини фаъолияти педагогии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ дар ҳамаи шаклҳои таълим (рӯзона, ғоибона, фосилавӣ, экстернат) пешбинӣ шудааст. Коркарди мазкур хусусияти системавии комплексиро барои тамоми сикли фанҳои гуманитарӣ, аз ҷумла ягонагӣ ва мувофиқати мазмуни накшаҳои таълим, технологияи педагогӣ ва барномавӣ таъмин менамояд. Муаллиф равишҳо ва татбиқи системаҳои таълими фосилавӣ, системаҳои амнияти иттилоотро тасниф кардааст, ки ҷолиби диққат мебошад. Ба таъмини амнияти НТФ дахлдор номгӯи асосии мушкилотҳои мавҷуда, ҷамъбаст ва ба тартиб оварда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ҷойдошта равишҳои таҳияи САИ нуқсонҳо ва афзалиятҳои онҳо, хусусият ва ҷой доштани дурнамои рушди онҳо ошкор ва ҳадафу вазифаҳои СИБ муайян карда шудааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки миқдори иттилоот, инчунин бисёре аз хосиятҳои дигари он, наметавонанд ҳамчун дастурамали пурмазмун барои НТФ истифода шаванд. Онҳо метавонанд танҳо ҳамчун андозагирии он хидмат кунанд.

Докторант Абдуллоев А.А. дар натиҷаи тадқиқотҳо қайд менамояд, ки сармоягузориҳо ба амнияти иттилоотӣ ҳамчун сармоягузорӣ барои зиёд кардани фоида бо роҳи кам кардани хароҷоти маъмурӣ барои нигоҳдории он ё муҳофизат аз талафоти фоида тавассути канорагирӣ аз хароҷоти эҳтимолӣ дар ҳолати оқибатҳои манфӣ баррасӣ менамояд.

**Дар боби дуюми диссертатсия – “Амсиласозии арзёбии самаранокии амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ”** нишондиҳандаҳои самаранокии амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ барои амсиласозии математикӣ асоснок муайян карда шудааст. Алгоритм, воситаҳои инструменталии муайян намудани нишондиҳандаҳои самаранокии низоми таҳсилоти фосилавӣ ва самаранокии амнияти иттилоотии таълими фосилавӣ коркард ва пешкаш шудааст (с. 59-103).

Дар ин боби диссертатсия докторант тавонистааст самаранокии низоми таҳсилоти фосилавиро тавассути таъмин намудани амнияти иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ асоснок намояд. Аз ин рӯ, барои арзёбии самаранокии он дар боби мазкур дар баробари муайян кардани самаранокии иқтисодии амнияти иттилоотӣ, арзёбии самаранокии низоми таҳсилоти фосилавӣ дар маҷмӯъ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Нишониҳандаи самараноки мақсаднок, нишондиҳандаи самараноки таълимӣ, нишондиҳандаҳои самараноки иқтисодиро муаллиф чун нишондиҳандаҳои самаранокии НТФ асоснок тавсия намудааст. Муаллиф алгоритмҳо ва барномаҳоро барои муайян кардани арзишҳои самаранокии иқтисодии фаъолият ва амнияти иттилоотии НТФ-и донишгоҳ, арзёбии нишондиҳандаҳои самаранокии НТФ дар давраи гузариш аз таълими анъанавӣ ба таълими фосилавӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии ҳифзи захираҳои иттилоотии НТФ-ро таҳия ва пешниҳод намудааст.

Барои арзёбии амнияти захираҳои иттилоотии НТФ, НТФ бо САИ тавассути арзёбии эҳтимолии хавф муаллиф маҷмӯаи воситаҳо таҳия намудааст. Вобаста ба шумораи донишҷӯён ва ҳар як объекти захираҳои иттилоотии НТФ арзёбии бехатарӣ гузаронида шудааст. Тадқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки афзоиши эҳтимолияти хавф вобаста ба афзоиши шумораи донишҷӯён, барои объектҳои гуногуни захираҳои иттилоотии НТФ бо роҳҳои гуногун рӯй медиҳад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки на ҳама объектҳои захираҳои иттилоотӣ ба афзоиши шумораи донишҷӯён ҳассос мебошанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия – «Арзёбии самаранокии иқтисодии ҳифзи иттилотӣ»** нишондиҳандаҳои шабакаи компютерии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", маълумот оид ба ташкил ва таҷҳизонидани САИ-и он барои таҳқиқ ҷамъ оварда шудааст. Истифодаи воситаҳои инструменталӣ ва алгоритмҳо дар арзёбии иқтисодии самаранокии амнияти иттилоотии НТФ шабакаи компутерии корпоративӣ МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» аз тарафи муаллиф коркардшуда, ки зиёда аз 1270 адад компютерҳои дар 10 бино ҷойгиршударо дар бар мегирад, оварда шудааст. Натиҷаи он возеҳ нишон медиҳад, ки интихоби системаи амнияти иттилоотӣ вобаста аз сатҳи амният ва махфияти барои НТФ муқарраргардида ба мақсад мувофиқ аст.

Бо доштани маълумот дар бораи арзиши умумии таҷҳизотҳои барои ҳифзи иттилоот ҷудошуда, муаллиф қайд менамояд, ки ҳаҷми талафоти миёнаи солонаи корхона аз ҳодисаҳои амнияти иттилоотӣ дар давраи таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳаҷми пешбинишудаи солонаи талафот пас аз ҷорӣ намудани амнияти иттилоотӣ 0,8 солро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда аз рӯи ҳама меъёрҳо қобили қабул аст. Динамикаи арзишҳои талафот дар давраи соли 2021 низ арзёбӣ шудаст, ки тақсимоти тақрибан мутаносиби талафотро дар семоҳа инъикос мекунад. (Саҳ. 125).

## 10.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундараҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқарароти Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шуда аст ва он бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи хуб иншо гардидааст.

## 11.Эродҳо ва тавсияҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия

Новобаста ба дараҷаи баланди илмии диссертатсия, дар он як қатор норасоиҳо ва камбудиҳо ба чашм расиданд:

1. Дар боби якуми рисолаи илмӣ вобаста ба арзёбии самаранокии ҳифзи маълумот, равияҳои гуногун, монанди ҳифзи техникӣ, барномавӣ ва дигарҳо нуктаи назари илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ хуб инъикос

гардидааст, аммо диссертант на ҳамаи ин назарияҳоро таҳлилу арзёбӣ кардааст.

2. Агар дар қисмати замимаи диссертатсия маводҳои ёрирасон ба монанди блок-схемаҳои барномаҳои таҳияшуда, вобастагии эҳтимолияти бартараф накардани сатҳи мушаххаси муҳофизат аз ҷониби вайронкунанда аз параметрҳое, ки ба ин сатҳи муҳофизат таъсир мерасонанд дар шакли графикӣ ҷойгир мешуд, арзиши амалии рисолаи мазкурро баландтар мегардонид.

3. Дар зербоби 3.2. "Самаранокии ташкили таъмини амнияти шабакаи компютерӣ" ҳисобкуниҳои зиёд баргузор гардида, натиҷаи онҳо мавриди таҳлил ва хулосабардоӣ ҷой дода шудааст. Хуб мешуд, ки ҳисобҳои амалии гузаронидашудаи муаллиф оид ба бартарӣ ва эътимоднокии усулҳои пешниҳодшудаи ҳифз ва арзёбии эҳтимолии амнияти иттилоотӣ дар автореферат низ нишон дода мешуданд.

4. Дар саҳифаи 3-юми диссертатсия рӯйхати ихтисораҳо ҷойгир карда шудааст. Бо баробари ин дар саҳифаҳои (6, 7, 45, 63, 119, 122, 133) мазмуни ин ихтисорҳо муфассал изҳор гардидааст. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар истифодаи чунин ихтисорҳо мавҷудияти рӯйхати ихтисораҳоро ба назар мегирифт.

5. Дар рӯйхати адабиёт номгӯйи зиёди мақолаи илмии муҳақиқони ватанӣ доир ба мавзӯи тадқиқот оварда шудааст, вале дар матни диссертатсия аз онҳо иқтибос оварда нашудааст (48, 74, 97, 104, 113, 123).

6. Истифодабарии алгоритмҳо ва барномаҳо барои муайян кардани арзишҳои самаранокии иқтисодии фаъолият ва амнияти иттилоотии НТФ, ки муаллиф пешниҳод намудааст, дар таъмини шабакаи корпоративии компютерии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» дар боби сеюм оварда шудааст. Агар дар диссертатсия чунин истифодабарӣ, чун пайдарпайии амалҳо, ба монанди алгоритм таҳия мешуд, аҳамияти амалии тадқиқотро зиёд менамуд.

7. Диссертатсия дорои хатогиҳои грамматикӣ ва орфографӣ буда, хуб мешуд, баъзе аз мафҳумҳо мушаххастар баён мегардиданд.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

## 12.Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи "Воситаҳои

инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ мебошад. Иловатан гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи он Абдуллаев Акмал Абдуҷабборович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 Иқтисодиёт (6D050605- Методхои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мебошад.

**Муқарризи расмӣ д.и.и., профессори кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Ходжаев П.Д.**

**Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, /2.**
**Телефон: +992(37) 234-83-46, +992(37) 234-85-46, (+992) 93860 75 03 (м). www: .tguk.tj**

**Имзои П.Д. Ходжаевро тасдиқ менамоям.**
**Сардори ШК ва КМ** **С.Пирзода**

30.11.2023